## ***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).***

Шоирони зиёде дар давраи мавриди назари мо ба эҷод машғуланд, ки дар ашъорашон ғояҳои сиёсию иҷтимоӣ ба назар мерасанд. Яке аз инҳо Низом Қосим мебошад, ки бо сабку услуби хосса дар адабиёт мавқеи намоёнро касб кардааст. Инчунин, то андозае дар сохтор ва мазмуни як қатор намунаҳои назми анъанавии классикӣ чун ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ навгонии қобили зикр дохил намудаанд. Ба ҷуз ин, ӯ дар эҷоди навъҳои барои адабиёти тоҷик нав, чун шеъри озод, манзума, либретто, баллада ва ғайра муваффақ гардидаанд. Аҳаммияти мавзуи кори диссертатсионӣ дар он аст, ки таҳлил ва арзёбии ашъори Низом Қосимро дар давраи муҳимми тақдирсози миллати тоҷик – Истиқлоли кишвар, мушкилоти давраи гузариш, ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарорсозии умури давлатию сиёсӣ ва иҷтимоӣ, пайдоиш ва ташаккули мавзую мундарича ва сохтори нави шеър фаро мегирад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи он тибқи талабот шакл гирифта, бахши «Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ» дар 4 номгӯ ба қалам омадааст, ки ҳамаи онҳо масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсия мебошанд.

Боби аввали диссертатсия – «Ҷойгоҳи шоир дар адабиёти даврони Истиқлол» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар онҳо мухтасари ҳасби ҳол ва шарҳи осори Низом Қосим, мақоми эҷодии ӯ дар ҷомеа, арзёбии назар ва корбурди мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ дар шеъри шоир дар ваҷҳи писандида мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур – «Мухтасари рӯзгор ва шарҳи осори Низом Қосим» мухтасари тарҷумаи ҳол ва роҳи эҷодии шоир баён шудааст.

Дар фасли мазкур диссертант мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоирро омухта, тақсимбандӣ намудаанд, ки хеле хуб ба назар расид. Аз он ҷумла, тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ, тасвири симои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шахсиятҳои баргузидаи халқи тоҷик дар шеър, тасвири ҳаёти сиёсӣ ва мушкилоти ҷомеа ва ашъори лирикӣ.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби аввал, ки «Назари муҳаққиқон ва ҳамкасбон ба мақоми эҷодии шоир» унвон дорад, ба арзёбӣ ва баҳои пажӯҳишгарон ва донандагони шеър ба ашъори Низом Қосим бахшида шудааст.

Боби дувуми таҳқиқ «Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» унвон дошта, масъалаҳои баррасии мушкилоти ҷомеа ва назари интиқодии шоир ба онҳо, мавқеи Ватан ва тарғиби ватандӯстӣ дар осори Низом Қосим мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли аввали боби дувум – «Корбурди мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихӣ дар шеъри шоир» ба таҳқиқи масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар ашъори Низом Қосим бахшида шудааст. Дар эҷодиёти шоир инъикоси воқеоти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ашъори дорои ангезаи сиёсӣ зиёд ба чашм мерасанд.

Муаллиф дар ин бахш ба чунин натиҷа расидааст, ки яке аз бартарии шеърҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Низом Қосим дар он аст, ки ӯ ба мавзуъҳои байналхалқӣ таваҷҷуҳ мекунад ва дар ин бобат давомдиҳандаи кори Мирзо Турсунзода маҳсуб меёбад. Дар замони ошкорбаёнӣ ва бозсозӣ (нимаи дувуми солҳои 80-ум) Низом Қосим мавқеи равшани шаҳрвандии хешро ифода карда, ашъори мондагореро чун «Рӯ ба рӯ бо сурати Ленин», «Либосовезак», «Коғазӣ», «Обу ҳубоб», «Курсӣ» (аз маҷмуаи «Хуни ситора», соли 1988) эҷод кард. Дар онҳо бори аввал ба чунин калимаю истилоҳҳои нави сиёсӣ вохӯрдан мумкин аст: «коғазӣ», «микрафони озод», «шикамбора»...

Фасли дувуми боби дуюм «Баррасии мушкилоти ҷомеа ва назари интиқодӣ ба онҳо» асосан ба фаъолияти эҷодии Низом Қосим дар замони бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ, бесуботиву ноамнии ҷомеа, ҷанги шаҳрвандӣ сухан рафтааст.

Диссертант дар фасли сеюм – «Тарғиби ватандӯстӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ» доир ба таблиғи ғояҳои Истиқлоли миллӣ, Ваҳдати миллӣ, таҳкими суботи сиёсӣ, инъикоси воқеии зиндагии мардум ва рушди рӯзафзуни Тоҷикистон дар ашъори Низом Қосим пардохта, афзудааст, ки Низом Қосимро метавон чун яке аз саромадон ва устодони ашъори ватандӯстии давраи Истиқлоли давлатӣ шинохт. Мавқеи Ватан ва тарғиби ватандӯстӣ дар ашъори шоирро ба панҷ қисмати алоҳида: тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ; Истиқлоли давлатӣ; Ваҳдати миллӣ; Парчами давлатӣ; Забони давлатӣ ҷудо намудааст.

Фасли чоруми боби дуюм – «Образи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои барҷастаи халқи тоҷик» ба тасвири образи шахсияти нотакрор ва корномаҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои дигари барҷастаи халқ бахшида шудааст. Ба андешаи диссертант Низом Қосим дар офариниши образи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муваффақият ноил гардида, ки минбаъд аз тарафи эҷодкорони дигар мавриди истифода ва пайравӣ қарор гирифт.

Боби сеюми таҳқиқ – «Навпардозӣ дар заминаи ашъори сиёсию иҷтимоӣ» ба пажӯҳиши махсусиятҳои осори шоир, жанр ва сохтори ашъори ӯ, таҷрибаи Низом Қосим дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои манзум бахшида шудааст.

Фасли аввали боби сеюм – «Жанр ва сохтори ашъори шоир» ба шакл ва мавзуоти шеърҳои шоир иртиботманд буда, дар он собит гардида, ки лирика пас аз ашъори иҷтимоӣ дар осори Низом Қосим ҷойи дувумро ишғол мекунад. Низом Қосим дар эҷоди жанри маъруфу машҳури шеъри тоҷик – ғазал, маҳорати баланд дошта, дар пояи Лоҳутӣ, Пайрав, Лоиқ шеърҳо офаридааст.

Дар фасли дуюм – «Вижагиҳои ҳунарии шеъри сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» махсусиятҳои ашъори Низом Қосим, ҳунари офарандагӣ, навоварӣ, истифодаи санъатҳои сухан дар ашъори ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби мазкур «Навпардозиҳо дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои манзум» унвон дошта, дар он доир ба навпардозиҳои шоир сухан рафтааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки Низом Қосим ба шаклҳои калони шеърӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, анвои назарраси чунин ашъорро эҷод бинмудааст.

Наврӯззода Д.С. дар ҷараёни пажӯҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде гирд оварда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намудааст. Нуктаи муҳим ин ки ҷанбаи илмии автореферат қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқон истифода бурдааст.

Автореферат бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Дар фишурдаи мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе нуктаҳои баҳсталаб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба пиндори банда ба назар гирифтани он боиси болоравии ҳусни кор хоҳад гардид.

1. Хуб мешуд дар баъзе бахшҳои кор аз эҷодиёти шоир намунаҳои шеърӣ барои тақвияти андеша истифода мегардид, зеро дар тамоми автореферат танҳо як байт оварда шудааст.
2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 4, 5, 13, 15, 23) ба назар расид, киислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқгардида таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 8 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи автореферат ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқарриз:**

н.и.ф., дотсенти кафедраи
таърихи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собиров Ҳ.Ю.
«04» феврали соли 2025.

Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нахимов 64/7а, хонаи 210.
Тел.: (+992) 988-52-70-83
E-mail: hamza_sobirov@inbox.ru

Имзои Собиров Ҳамза Юсуфовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«04» феврали соли 2025.